# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои филологӣ Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. Душанбе, 2019. - 171 с.**

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар замони муосир яке аз масъалаҳои баҳснок ва мураккаби забони тоҷикӣ феъл мебошад, ки дар миёни ҳиссаҳои нутқ бештарин категория ва хусусиёти грамматикиро соҳиб аст. Бо вуҷуди ин ки аз даврони бостон то ин дам раванди таҳаввули сохторӣ-грамматикиро аз сар гузаронидааст, ба таври куллӣ феълҳои забони тоҷикӣ дар тӯли садсолаҳо низоми сохторӣ-маънои худро нигоҳ доштааст. Бинобар ин, дар забоншиносии муосир бисёре аз масоили марбут ба феъл ҳалталаб боқӣ мондааст, ки яке аз онҳо ба раванди калимасозӣ ва сохти грамматикии феъл дар забони адабии муосири тоҷик мебошад. Аз ин ҷиҳат, сабабҳо ва хусусиёти грамматикии калимасозии феъл дар шакли масъалаи муҳимме, ки ниёз ба таҳқиқ ва таҳлилу баррасии илмӣ дорад, боқӣ мемонад.

Аз ин ҷиҳат, мавзӯи мунтахаби диссертант Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович таҳти унвони “Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” масъалаи муҳим ва қадаме дар таҳқиқи хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ мебошад.

Ҳадафи диссертатсияи таҳқиқотӣ дар таҳлили ҳамаҷонибаи забоншиносӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои грамматикӣ ва луғавии феълҳои забони адабии давраи классикӣ дар мисоли маводи матни «Таърихи Бухоро» аз назари калимасозии грамматикӣ ва сохтори маънои феъл мебошад. Асоснок кардани омӯзиши ин асар аз он ҷиҳат аст, ки дар солҳои ахир мутахассисони соҳаи забоншиносӣ ба таҳқиқи осори алоҳидаи адабӣ-бадеӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардаанд, ҳамчунонки пештар бештар ба баррасии хусусиятҳои адабӣ ва тасвирнигорӣ аҳаммият медоданд.

Диссертатсияи ҳозир низ бо ҳадафи таҳқиқ намудани хусусиятҳои вижаи шаклгирии забони тоҷикӣ дар мисоли низоми феъл ва категорияҳои алоҳидаи он рӯи кор омадааст. Бинобар ин, барои баён намудани хусусиёти грамматикии забони асрҳои 1Х-ХХ ба марҳилаҳои алоҳида ва умуман таҳқиқи осори муҳимми дар давраи нави ташаккул аз қабили “Таърихи Бухоро”-ро омӯхтан лозим мебошад. Унвонҷӯ барои

расидан ба ин мақсад масоили марбут ба хусусиёти вижаи феъл ва категорияҳои алоҳидаи онро аз назар гузаронида, дар таҳлили маводи гирдомада ва низомманд гардонидани маводи фаровони забонии “Таърихи Бухоро”, таснифи луғавӣ-маъноии феълҳои асар, таҳлили омории феъл дар матни мавриди назар, серистеъмолии феъл дар асар, дар замони муосир аз истеъмол баромадани гурӯҳе аз феълҳо, нишон додани хусусиёти феъл ва ташаккули категорияҳои грамматикии феъл кӯшиш ба харҷ додааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он хулоса шудааст, ки бори аввал корбурди феъл дар мисоли яке аз матнҳои тарҷумаи форсии “Таърихи Бухоро”-и Абӯбакри Наршахӣ, ки аз ҷумлаи матнҳои куҳани асари мазкур аст, аз нигоҳи забоншиносӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда, дар диссертатсия ба таври мушаххас бори нахуст ба таҳлили системавию амиқи хусусиятҳои фарқкунандаи забонии матни тарҷумавии форсии «Таърихи Бухоро» пардохта шудааст.

Аҳамияти назарии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки мавод ва натиҷаи таҳқиқоти мазкур метавонад дар мураттаб намудани қонунмандиҳои низоми феълҳои забони тоҷикӣ ва таърихи ташаккул ва рушди онҳо ва ҳамчунин, омӯхтани давраҳои алоҳидаи рушди забони форсии тоҷикӣ муфид воқеъ гардад. Хулосаҳои назариявии корро метавон дар тавзеҳоти луғавӣ-грамматикӣ ва сохтории феълҳои марҳилаи оғозини давраи нави ташаккули забони тоҷикӣ ва муқобалаи он бо маводи забонии осори асрҳои минбаъда, бахусус забони адабии муосири тоҷик истифода кард.

Аҳамияти амалии натиҷаи пажӯҳиш дар он зуҳур меёбад, ки натоиҷи онро метавон дар тартиб додани луғатҳои тафсирӣ, тарҷумавӣ ва калимасозии забони тоҷикӣ ва ҳамчунин дар таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимии марбут ба грамматика ва таърихи забони адабии тоҷикӣ истифода кард. Маводи аз ин таҳқиқ бадастомада метавонад дар макотиби олӣ зимни таълими курси морфология ва хондани семинарҳо ва курсҳои махсуси марбут ба марҳилаҳои инкишофи забони адабии тоҷикӣ истифода намуд.

Диссертатсияи тақризшавандаи Раҳмонов Бахтиёр таҳти унвони «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ» аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима ба таври фишурда дар бораи ҳадафи кори таҳқиқотӣ ва муаллифони асари мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ,

равиши кори таҳқиқотӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ дар илм ва таълим, манобеи пажӯҳиш, асосҳои илмӣ-назариявии диссертатсия, маълумоти мухтасар доир ба таърихи омӯзиши феъл ва осори адабӣ ва сохтори диссертатсия маълумоти муфид дода шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” ном дошта, дорои ҳафт зерфасл мебошад, масоили марбут ба дараҷаи истифодаи феъл ва таҳқиқи феъл дар илми забоншиносӣ, хусусиёти феълҳои сермаъноии матни асар ва дар баробари он феълҳои камистеъмол таҳлил гардидаанд. Дар ин боб масоили муҳимми марбут ба сохтори воҳидҳои луғавии забон (муродифот, мутазод, ҳамгун, сермаъноӣ, сатҳи корбурди феълҳо), дараҷаи истифодаи шаклҳои феълӣ, тағйиротҳои луғавӣ ва грамматикии дар давраи нави ташаккули забони тоҷикӣ бамаломада дар мисоли феълҳои маводи “Таърихи Бухоро” зикргардида ва масоили назариявии алоқаманд ба феъл мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар боби дувуми диссертатсия “Сохтори феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” ном дошта, дар боби мазкур масоили калимасозӣ ва сохти феъл зимни тасниф ба гурӯҳҳои содда, сохта ва таркибӣ таҳлил гардидааст. Диссертант бар асоси мутолиот ва мушоҳидот зимни таҳлили феълҳои соддаи матни “Таърихи Бухоро” маълумот медиҳад, ки феълҳои соддаи забони тоҷикӣ феълҳое мебошанд, ки аз реша ва бандакҳои феълӣ таркиб ёфтаанд, мисли *омадан, задан, гирифтан, овардан* ва амсоли он. Дар забони тоҷикӣ гурӯҳе аз феълҳоро, ки дар натиҷаи ба ҳам омадани пешванд ва реша сохта шудаанд, феълҳои сохта номида, баромади аксари ин пешвандҳоро зарфҳои форсии миёна медонад, ки чунин ҳам ҳаст. Дар боби мазкур доир ба ҳама вандҳои шаклсоз ва калимасози забони тоҷикӣ, ки баъзе аз онҳо дар замони муосир аз истифода баромадаанд, маълумот дода мешавад. Дар мавриди феълҳои таркибӣ қайд карда мешавад, ки онҳо аз ду ё зиёда калимаҳо таркиб ёфта бошанд ҳам, ҳамчун як воҳиди луғавӣ-маъноӣ шинохта мешаванд, ки дар “Таърихи Бухоро” аз ин навъ феълҳо фаровон истифода шудааст.

Дар боби севуми диссертатсия - “Хусусиятҳои грамматикии феълҳо дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ”, ки фарогири чаҳор зерфасл мебошад, ки дар зерфасли аввал масъалаи асосҳои феъл дар мисоли маводи “Таърихи Бухоро” таҳлил гардида, хусусиёти грамматикии феълҳои асар аз ҷумла, унсурҳои баҳсноки феъл, аз қабили масоили

марбут ба фаҳмиши истилоҳоти “дуруст” ва “нодуруст” ва робитаи байни асосҳо дар феъл таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар зерфасли дувум тобишҳо ва хусусиятҳои сохторӣ-маъноии феъл аз назари тасриф матраҳ шудааст. Махсусан, диққат ба он равона шудааст, ки феълҳои забони тоҷикӣ аз рӯи хусусияти луғавӣ-маъноияшон ҳангоми тасриф ба забонҳои тасрифӣ (флективӣ) ва вандӣ шабоҳат ва қаробати бештар зоҳир менамоянд, зеро бандак (анҷома) ва вандҳо дар сохори феълҳои забони тоҷикӣ ҳамчун унсури забонҳои тасрифӣ ва вандӣ нақши барҷаста доранд.

Дар зерфасли севум масъалаи феълҳои бавосита ва бевосита матраҳ гардида, гуфта мешавад, ки дар феълҳои бевосита мубтадо амалро бевосита худаш иҷро мекунад, ба ин гурӯҳ ҳам феълҳои монда ва ҳам феълҳои гузаранда дохил мешаванд, вале дар феълҳои бавосита мубтадо амалро ба воситаи касе ё чизе иҷро мекунад. Шаклҳои бавоситаи феъл дар замони гузашта бо роҳи бар асоси замони ҳозира-оянда ҳамроҳ кардани пасванди бавоситасози -он (-ён) ва пасон овардани пасванди замони гузаштасоз аз асоси замони ҳозира-оянда “–ид” (ё шакли мухаффафи он –д) сохта мешавад, мисли нишонд, гардонид ва амсоли он.

Дар зерфасли чаҳоруми боби севум масъалаи сиғаҳои феъл ва шаклу воситаҳои баёни онҳо матраҳ шуда, қайд мешавад, ки сиға яке аз вижагиҳои махсуси феъл буда, дар он муносибати гуянда нисбат ба амали иҷрошавандаро ифода карда мешавад.

Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаи таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст, ки он ифодакунандаи хусусиятҳои умумии феъл мебошад.

Дар анҷоми диссертатсия феҳристи адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда, оварда шудааст, ки феҳрист мувофиқ ба талаботҳо ва меъёрҳои муқарраршуда мураттаб гардидааст.

Диссертатсия бо забони хуби илмӣ таълиф шуда, бандубасти мавод дар бобҳо ва фаслҳо мантиқан мураттаб ва пайдарҳам оварда шудааст

Услуб ва бандубасти тадқиқот. Диссертатсия бо забони хуби илмӣ таълиф шуда, бандубасти мавод дар бобҳо ва фаслҳои мантиқан мураттаб ва пайдарҳам оварда шудааст.

Дараҷаи асоснокӣ ва муътамадии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои тадқиқоти диссертатсионӣ. Муҳаққиқ аз методҳои маълум ва мустаъмали илми забоншиносӣ самаранок истифода бурда, асарҳои назарии муҳаққиқони маъруфро ба таври бояду шояд омӯхтааст ва дар мавридҳои муайян ба онҳо нуктасанҷона такя кардааст. Феҳристи адабиёт 238 номгӯи манобеи чопиву электрониро фаро гирифтааст.

Хулосабарориҳо ва натиҷагириҳои илмӣ дар рисола бо андеша ва маълумоти боэътимод асоснок шудааст.

Дар қатори муваффақиятҳо дар диссертатсия ва автореферат якчанд норасоиҳо низ дида мешавад:

1. Дар муқаддимаи рисола ва дар бобҳои ҷудогонаи он баъзе нуктаҳои маъмулу забонзад оварда шудаанд, ки зарурати илмии зикри онҳо дар он маврид муҳим нест ва аз тарафи дигар мухолифат низ дар он муҳокима дида мешавад. Чунончи дар сафҳаи 18 омадааст: "Сухани муҳимтарин ва ҷамъбасткунандае, ки забоншиносон доир ба феъл баён менамоянд, ин аст, ки феъл ҳар навъ муомилаеро (?) ҳамчун амал ифода менамояд".

2. Баъзе мисолҳои аз манбаъ овардашуда, ки муҳаққиқ хостааст, тавассути онҳо фарзияҳои худро собит намояд, дар мавридҳои ҷудогона он қадар қобили эътимод нестанд. Аз ҷумла дар фасли ҷудогона муаллифи рисола аз феълҳои камистеъмол сухан гуфта таъкид мекунад, ки баъзе феълҳо чун "андаррафтан", "бозрафтан", "бозфиристодан" (с. 37 – 38 дар диссертатсия) аз феълҳои камистеъмол буда дар осори асрҳои XII – XII кам ба мушоҳида мерасанд. Дар ин маврид сухан аз осори дигари даврони таҳқиқ муносибати эҳтиёткоронаро тақозо менамояд. Зеро таҳлили омории манобеи хаттии ин даврон ҳанӯз имконпазир нест ва метавонад, ки басомади истифодаи баъзе аз феълҳои зикршуда ҳолати баръаксро нишон диҳад.

3. Муаллифи рисола бо муҳаққиқони дигар, ки назари эшон дар раванди таҳқиқ ба доираи мубоҳисоти илмӣ кашида шудааст, камтар баҳс намуда, назари интиқодии муаллифи рисола хеле кам ба назар мерасад.

4. Дар тасвири библиографии интишороти илмӣ ва манобеи таҳқиқ ғалатҳо ба назар мерасанд. Чунончи луғати нимтафсилии устод С. Айнӣ дар қатори адабиёти илмӣ оварда шудааст.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (4, 10, 13, 15, 18, 27, 34, 45, 67, 78, 86, 115, 1196, 143, ) ва услубию китобатӣ (4, 10, 13, 16, 19, 26, 35, 48, 61, 78, 86, 112, 120, 144) ба назар мерасанд.

6. Ҳамин гуна ғалатҳои имлоӣ ва услубию китобатӣ дар саҳифаҳои гуногуни фишурдаи диссертатсия низ дида мешаванд.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад аз аз арзиши аслии диссертатсия ва автореферати тақризшаванда чизе коҳонад. Бинобар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои рисола метавон ба хулосае омад, ки мукаддима ва бобҳои дохилии рисола тавонистаанд, иттилои

ШӮЪБАИ КОРҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

арзишмандеро дар бораи хусусиёти забонии феълҳои мустаъмали асар бозгӯ намоянд. Биноан, диссертатсияи номзадии Б. Раҳмонов кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ҷавобгӯ мебошад. Фишурдаи рисола ва силсилаи мақолоте, ки унвонҷӯ перомуни мавзӯъ дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи КОА чоп кардааст, муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд. Бинобар ин, диссертатсияи номзадии Бахтиёр Раҳмоновро ҳамчун кори илмии анҷомёфта аз рӯи тахассуси 10.02.01 – забони тоҷикӣ сазовор ба дифоъ медонем ва муаллифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси зикргардида арзанда аст.

Директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология

Мухторов Зайнидин Мухторович

Сана: 10.05.2019
734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33
тел./факс (992 37) 228-91-51
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822

Имзои З.М. Мухторовро «тасдиқ мекунам».

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Каримов И.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. (ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121)

**Ризоият**

Ман, Мухторов Зайнидин Мухторович, доктори илми филология, директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи бандҳои 64, 65-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст ва банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ризоияти худро ба ҳайси муқарризи расмӣ ва пешниҳоди тақриз ба диссертатсияи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология пешниҳод шуда, барои ҳимоя иҷозат гирифтааст, баён менамоям.

Дар асоси бандҳои 64, 65-и Низомномаи намунавӣ оид ба шӯроҳои диссертатсионӣ ва банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)-ро ба инобат гирифта, бо мақсади дар шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионии «Интернет» ҷойгир намудани иттилооте, ки барои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ заруранд, чунин маълумотро дар бораи худ ва интишоротам пешниҳод менамоям:

| | |
|---|---|
| Насаб, ном, номи падар | Мухторов Зайниддин Мухторович |
| Дараҷаи илмӣ ва номгӯйи соҳаи илм, ихтисоси илмӣ, ки аз рӯйи он диссертатсия ҳимоя шудааст. | доктори илми филология, 10.02.20 – забоншиносии муқоисавии таърихӣ, типологӣ ва муқобалаӣ. |
| Номи пурраи муассиса, ки ҷойи корӣ асосӣ ба шумор меравад. | Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Номгӯйи интишороти асосии муқарризи расмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаванда дар панҷ соли охир (аз 15 мақола зиёд пешниҳод нашавад) | **Китобҳои илмӣ:**<br>Социальный компьютинг в исследовании вопросов интернет-толерантности // Исследование толерантности в молодежной среде Таджикистана (лингвистические аспекты): коллективная монография. - М. 2016. – С. 94-126.<br>**Мақолаҳои илмӣ:**<br>О некоторых особенностях связи в |